**Тақриз**

ба Роҳнамои хонанда аз фанни химия

Мусаввадаи Роҳнамои хонанда аз фанни химия (25 саҳифа) аз нуқтаи назари таълимию методӣ омӯхта шуда, хулоса дар шакли тақриз пешниҳод мешавад.

Таҳия гардидани Роҳнамои хонанда аз фанни химия баҳри пиёда гардонидани фармони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намудани солҳои 2020-2040", азхудкунии ҳодисаҳои физикии омӯхташаванда, мустақилона ҳал кардани масъалаҳо ва инкишофи қобилияти фикрронии онҳо барои аксарияти мавзӯъҳои барномаи таълимӣ, ҳамчунин барои омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ баҳри татбиқи "Ҳадафи чоруми миллӣ- саноатикунонии бо суръати кишвар" кумак расонида метавонад.

Химия на танҳо дар лабораторҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ, балки дар ҳаёти рӯзмарра низ боиси муҳимият мебошад, балки дар таҳлили рӯйдодҳои гуногуни табиат, имконияти мураккаб ва оддӣ, имконияти равоншуморӣ ва аниматсия, ва инчунин, дар фаҳмидани омӯзиши хосиятҳо, сохтор ва раванди моддаҳо, фаҳмидани табиат ва ҷаҳони атрофи мо нақши муҳиме мебозад. Бинобар ин, фаҳмидани химия на танҳо дар соҳаи илм, балки дар технология, муҳандсӣ ва ҳаёти рӯзмарра низ муҳим аст.

Мақсадҳои омӯзиши қонунҳои асосии химия ва татбиқи онҳо, расидан ба таҳлил ва ҳал намудани масоили химиявӣ, вусъат додани қобилияти таҷрибавӣ ва методологияи илмӣ мебошад

Маҷмӯи мазкури формулаҳо ва тавҳезот ба онҳо, маводи ёрирасон дар иҷроиши супориши хонагӣ, тайёрӣ ба корҳои санҷишӣ, иҷроиши корҳои мустақилона дар мактабҳои таълимоти умумӣ, мактабҳои типи нав ва омӯзишгоҳҳои касбӣ техникӣ мебошад.

Дар ин маҷмӯа формулаҳои асосӣ, мафҳуми қонунҳои асосии химиявӣ, воҳидҳо ва ченакҳои химиявӣ гирдовард шудаанд. Маводҳо мувофиқи қисмҳои асосии курси химияи синфҳои 8 - 11 мактабҳои таълимиҳои умумӣ тартиб дода шудаанд. Маълумотҳои гирд оварда шуда ҳамзамон, барои хонандагони ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ довталабон ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ муфид мебошад.

Аз ин хотир, таҳия гардидани ин гуна маводи таълимӣ барои таълимгирандагон ва ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд дониш ва фаҳмиши худро

дар соҳаи химия такмил диҳанд, таҳия шудааст. Дар Роҳнамои мазкур консептҳо, принсипҳо ва усулҳои асосии илми химияро ба таври равшан ва мухтасар пешниҳодшудааст, ки хонандагон дар фаҳмидани ҳақиқатҳои асосии илми химия барои дарки мафҳум ва ҳодисаҳои химиявӣ мушкилӣ накашанд.

Мусаввадаи Роҳнамои хонанда аз фанни химия (25 саҳифа) барои нашр тавсия карда шавад.